**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

**Тақризи**

**доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадизода Нозим Давлатмурод ба автореферати диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ нишондиҳандаи беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Ин амал фаъолияти мувофиқашудаи мақомоти давлатиро бо ташкилот, новобаста ба шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати бо шуғл фаро гирифтани ҷавонон, бахусус, хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ, ҷавонони имконияташон маҳдуд, ҷавонони аз маҳалли иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд, талаб менамояд. Аксар вақт хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар дар шароити дигаргуншудаи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, гарчанде, ки соҳиби маълумот ва ихтисос мешаванд, вале гурӯҳе аз онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар шумораи зиёди мутахассисонро ба бозори меҳнат ворид мекунанд, ки қисме аз онҳо аз рӯйи ихтисоси гирифтаи худ ба шуғл фаро гирифта намешаванд. Аз ин рӯ, ҳалли босамари ин мушкилот танҳо бо дарёфти технологияҳои иҷтимоии муосир ва ҷалби ниҳодҳои демократӣ бо муассисаҳои истеҳсолию корфармоён имконпазир аст. Бо тағйир ёфтани низоми муносибатҳои меҳнатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корхонаҳо ва муассисаҳои истеҳсолӣ, коллективҳои меҳнатӣ таъсири манфӣ расонд.

Вобаста ба ин зарурат, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи сотсиологии раванди бо шуғл таъминкунии қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа муаллиф хеле мубрам нишон додааст. Мақсади таҳқиқотро бошад, таҳияи

методология ва дарёфти технологияҳои муносиби бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ташкил дода, унсури муҳимтарини тайёр намудани мутахассисони сатҳи миёна ва олии системаи маориф мебошад. Зимни таҳқиқоти илмӣ, диссертант таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро ба амал баровардa, таъсири онро ба инкишофи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии муҳим арзёбӣ намудааст. Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионии Гулов Р.Б. аҳаммияти баланди илмӣ ва назариявӣ дорад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро методҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ, мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият ва равиши сохторӣ-функсионалӣ ташкил додаанд. Ҳамзамон, ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида, муқоиса, омор, пурсиши сотсиологӣ васеъ истифода шудааст. Объекти таҳқиқотро бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ ташкил додааст.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад. Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия – “Асосҳои назариявӣ-методологии технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ” ба таҳлили назариявии технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бахшида шудааст. Диссертант зикр менамояд, ки “дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шумор рафта, ин вазъият равиши навро тақозо мекунад” (саҳ. 12).

Боби дуюми диссертатсия – “Бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” ба таҳлили вазъи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори меҳнат, квотакунонии ҷойҳои корӣ дар самти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони имконияти маҳдуддошта ва тарҳсозии системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бахшида

шудааст. Дар боби мазкур диссертант таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронидааст ва аз натиҷаи он дар рисолаи илмии худ истифода кардааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд. Маводи нашрии диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 10 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсияи Гулов Р.Б. дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)" фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок мебошад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки чунин ишора мегарданд:

1. Диссертант дар бобҳои якум ва дуюми диссертатсия андешаҳои олимони хориҷиро таҳлил намуда, таъсири "шуғл"-ро ба инкишофи ҷомеа мубрам қайд намудааст, аммо ба таври пурра онро нишон надодааст.
2. Дар автореферат баъзан ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои пурра комил гардидани диссертатсия муҳим мебошанд.

Камбудиҳои зикршуда ба моҳияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферат ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи диссертатсия Гулов Р.Б. ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи онтология
ва назарияи маърифати факултети
фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадизода Н.Д.

Имзои доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи онтология ва назарияи маърифати
факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Маҳмадизода Н.Д.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

02.02.24